**АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ**

# ТАБРИКИ СОЛИ НАВ

# БУНАФША

Миёни сабзаву себарга, дар лаби
чӯбор
Баромадаст бунафша ба пешвози
баҳор.

Бунафш рангашу баргаш – нафис,
поя – маҳин,
Сараш хам аст ба монанди одами
шармин.

Биё, равему тамошо кунем, гул
чинем,
Кашем бӯйи хушаш, ранги дилкашаш
бинем!

# ТАБРИКИ СОЛИ НАВ

1.

Дар мулки ҷоноҷони мо,
Шаҳру деҳу майдони мо,

Имрӯз дар ҳар хонадон
Бобои Барфӣ – меҳмон.

Вай чеҳрахандон, сап-сафед,
Чун рамзи иқболу умед.

Пир асту аммо дилҷавон,
Хушчақ-чақу ширинзабон.

Бобо ба ҳар хона равад,
Он хона хуррам мешавад.

Аз Соли Нав – соли зафар,
Ӯ мерасонад хушхабар:

– Авлоди хушбахти Ватан,
Гулҳои хандони чаман,

Бодо муборак Соли Нав!

Бахти наву иқболи нав!

2.

Ин арча ҳам монанди мо –
Сарсабзу хуррам доимо.

Имрӯз бор овардааст,
Себу анор овардааст.

Аз байни шоху баргҳо
Милтасзанон тобад ба мо.

Равшан чароғакҳои он,

Монандаи Ҳафтдодарон.

Эй баччҳо – духтар, писар,
Гирем дасти ҳамдигар.

Хонему раққосӣ кунем,
Чун барраҳо бозӣ кунем.

Бобо ҳам аз шодии худ
Ҳамроҳамон хонад суруд:

– Авлоди хушбахти Ватан,
Гулҳои хандони чаман,

Бодо муборак Соли Нав,

Бахти наву иқболи нав!

# БАҲОР

Ханда кард офтобу шӯъла бирехт,
Абр гӯё ки қаҳр карду гурехт.

Об шуд барфи водию саҳро,
Мебарояд буғ аз замин ба ҳаво.

Мевазад ҳар нафас шамолаки нарм,
Аз ниҳолон гирифта бӯсаи гарм.

Ҳур-ҳури форами шамоли баҳор
Кард аз хоб хокро бедор.

Сӯйи боғоту киштзор нигар,
Зиндагишон гирифт ранги дигар:

Ҳар чӣ ором буд, ба ҷӯш омад,
Ҳар чӣ хомӯш, дар хурӯш омад.

Ҳама дар киштукор мекӯшад,
Ҳама ҷо деги кор меҷӯшад!

## ТРАКТОР ОМАД

Шамоли навбаҳор омад,
Ба саҳро вақти кор омад.

Ана, омад трактор ҳам,
Тракторчӣ-амак – хуррам,

Суруди шӯх мехонад,
Замини кишт меронад.

Трактор роҳати ҷон аст,
Ба вай ҳар кор осон аст.

Амакҷони тракторчӣ,
Маро ҳамроҳ гирӣ-чӣ?

Дар пеши рул шинам,
Ту гардонию ман бинам.

Шавам ман дастёри ту,
Диҳам ёрӣ ба кори ту.

# ЧИСТОНҲО

Аҷаб як шиша, ки дорад ду ранг об,
Надорад вай ба гармию хунук тоб:
Бубандад ях зи сармои зимистон,
Ҳам аз гармии оташҳои сӯзон.

***

Миёни «а» ва «р» се ҳарфи дигар
Бимонӣ, мехӯрӣ ду меваи тар.

***

Худаш бечону аммо ном аз ду чонвар
дорад,
Касе, ки ёбад онро, дар даҳон таъми
шакар дорад.

***

Ҳаст як паҳлавони ғулғуланок,
Оҳанинчисму оҳанинпӯшок.
Асп нею ба тохтан чаққон,
Ҳам шутур нею лек боркашон.
Гов нею замин меронад,
Чист номаш?
Канӣ, кӣ медонад?

***

Аспе дорам беозор,
Хушсурату хушрафтор.

Монда намешавад ҳеҷ,
Доим ба гаштан тайёр.
Хӯрокаш – обу бензин,
Поҳош бошанд аз резин.

Ҷавоби чистонҳо: тухми мурғ, ангур ва анҷир, харбуза, трактор, автомобил.

## ТЕЗГӮЯКҲО

1.

Содиқ шодӣ кард,
Соҳиб шӯхӣ.

2.

Шаст сада шинондем,
Сӣ шафтолу.

3.

Шохи сада серсоя.